آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

16 апрели соли 2025
Чоршанбе
№ 31 (15146)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ДАР АНДИҶОН САНОАТ БА ШАБАКАИ ПЕШҚАДАМИ ИҚТИСОДИЁТ ТАБДИЛ МЕЁБАД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 15 апрел бо мақсади ошноӣ бо рушди минтақаҳо ва ҳаёти мардум ба вилояти Андиҷон омад.**



Тағйироти минтақа аллакай дар «дарвозаи ҳавоӣ» эҳсос мегардад. Дар доираи корҳо бобати рушди инфрасохтори нақлиётии мамлакат, фурудгоҳи байналмилалии Андиҷон низ бозсозӣ карда мешавад.

Ҳангоми ташриф ба Сарвари давлат дар ин бора маълумот дода шуд.

Аэропорти соли 1978 сохташуда, дигар ба талаботи имрӯз ҷавоб намедод. Ба далели маҳдуд будани зарфияти борбардории пайроҳаҳои парвоз, мавҷуд набудани низоми рӯшноидиҳии замонавӣ имкони қабули парвозҳо маҳдуд буд.

Ҳоло марҳилаи нахустини корҳои таъмирӣ анҷом ёфт. Роҳрави нави парвоз бо дарозии 3 300 метр ва паҳнои 60 метр, пайроҳаи ҳаракат ва таваққуфгоҳи самолётҳо сохта шуданд. Низоми захбурҳо нав гардида, обҳои зеризаминӣ барҳам дода шуданд. Инчунин, дар ин ҷо сохтмони пайроҳаи дувуми ҳаракат, насби радар, таҷҳизоти замонавии радарӣ, метеорологӣ ва рӯшноии навъи CAT-II мутобиқи меъёрҳои IKAO идома дорад.

Дар натиҷа фурудгоҳ метавонад ҳавопаймоҳои бузурги «Boeing» ва «Airbus», инчунин, парвозҳоро шабона ва дар шароити номусоиди обу ҳаво қабул кунад. Ин ба 10 баробар афзудани парвозҳои ҳаррӯза имкон медиҳад.

Акнун, дар марҳилаи дувум аз нав сохтани терминали мусофирон дар назар аст. Тавассути ин, иқтидори хидматрасонӣ ба мусофирон соате аз 300 то 1000 мусофир ва шумораи парвозҳо соле аз 584 ба 3700 меафзояд. Ин барои афзудани теъдоди парвозҳо ба шаҳри Андиҷон ва водии Фарғона мусоидат мекунад.

Дар аэропорт, ки фаъолияти худро аз нав оғоз кард, ҳоло парвозҳо дар хатсайри Тошканд – Андиҷон – Тошканд амалӣ мегарданд.

Президенти мо бинобар роҳандозии идоракунии самарабахш, арзон кардани хизматрасониҳо ва зиёд кардани шумораи парвозҳои маҳаллӣ ва байналмилалӣ супоришҳо дод.

Умуман, дар мамлакат ҷиҳати таҷдиди аэропортҳо корҳои бузург амалӣ мегарданд. Солҳои гузашта фурудгоҳҳои Самарқанд, Тирмиз, Урганҷ, Шаҳрисабз, Мўйноқ, Қўқон ва Зомин нав гардиданд. Боз дар як қатор вилоятҳо раванди бозсозӣ идома дорад.

Роҳбари давлат моҳи феврали соли гузашта ҳангоми ташриф ба вилояти Андиҷон бо лоиҳаҳоиояндадор шинос гардида, аз рўйи густариши доираи корҳои сохтмон, бунёдкорӣ, ки дар вилоят идома доранд, рушди босуръати соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, хидматрасонӣ ва сервис, фароҳам овардани шароити мусоид барои мардум, инкишофи соҳибкорӣ, таъмини шуғли аҳолӣ, коҳиши камбизоатӣ вазифаҳоро муайян карда буд.

Бобати таъмини иҷрои ин супоришот корҳои васеъмиқёс амалӣ гардиданд. Соли гузашта дар вилоят ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии минтақавӣ нисбат ба соли 2023 дар сатҳи назаррас афзуд. Ҳаҷми маҳсулоти умумии минтақавии истеҳсолшуда ба ҳар сари аҳолӣ 26,4 миллион сўмро ташкил кард.

Манзили дувуми ташрифи Президент корхонаи нави дар шаҳри Андиҷон бунёдгардидаи кластери «WBM Romitex» шуд.

Ин корхона, ки «WBM Fabrics» ном дорад, марҳилаи навбатии силсилаи коркард мебошад. Дар доираи лоиҳаи сармоягузорӣ бо арзиши умумии 50 миллион доллар иншооти замонавии саноатӣ бунёд гардида, дар он таҷҳизоти баландтехнологии Италия ва Олмон насб карда шуданд. Рангкунии матоъ ва гуландозӣ ба он роҳандозӣ гардид. Корхона соле иқтидори истеҳсоли 24 ҳазор тонна чунин маҳсулоти харидоргирро дорад. Дар доираи лоиҳа 600 ҷойи кори доимӣ таъсис дода шуд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ ТАНТАНАВӢ БА ШАРАФИ ШАҲРИ НАВИ БОБУР ДАР ВИЛОЯТИ АНДИҶОН

Ҳамватанони муҳтарам, сокинони азизи Андиҷон!

Аз он ки бо шумо боз дар ин айёми зебои баҳор вомехурам, бағоят хурсандам.

Ба ҳамаи шумо эҳтиром ва ҳурмати амиқи худро изҳор менамоям.

Тавре ки маълум аст, мақсади асосии ислоҳоте, ки дар Ўзбекистони Нав татбиқ мегарданд, таъмин сохтани ҳуқуқ, манфиат ва шаъну шарафи инсон, тамоми халқ, дар асоси он баланд бардоштани қаноатмандии одамон аз ҳаёташон ба шумор меравад.

Натиҷаҳои амалии чунин корҳои васеъмиқёс ва хайрро мо дар тамоми вилоятҳо, деҳот ва овулҳои ватани худ мушоҳида мекунем, ин, албатта, ҳамаи моро хурсанд мекунад.

Тасдиқи равшани ин ҳамчунин дар сарзамини зебо ва нотакрори Андиҷон низ равшан намудор аст. Дар вилоят корҳое, ки сазовори эътироф бошанд – дар соҳаҳои саноат, соҳибкорӣ, хоҷагии қишлоқ амалӣ мегарданд, боғҳои нав, кучаву маҳаллаҳои обод бунёд меёбанд, барои аҳолӣ тамоми шароит фароҳам оварда мешаванд.

Агар имкон мебуд ман ба ин диёри зебо зуд-зуд меомадам ва бо шумо, азизони худ, бо қаноатмандӣ суҳбат менамудам. Ошкоро мегўям, вохурӣ бо чунин одамони марду саховатпеша, ки дар қалби онҳо Аллоҳ ҳузар дорад, мардуме, ки бо меҳнат машғуланд, ба ман илҳом мебахшад, нирўи беназири маънавӣ ато мекунад.

Метавон бо эътимод таъкид намуд, ки дар замини Андиҷон ғояи Ўзбекистони Нав, нафаси Ўзбекистони Нав дар ҳар маҳалла, ҳар як оила эҳсос мегардад ва халқи моро ба комёбиҳои беш аз пеш олӣ рўҳбаланд месозад.

Маҳз ҳамин натиҷаи аз ҳама бузург, аз ҳама муҳими ислоҳотест, ки мо ва тамоми халқамон интизор буданд.

Дўстони азиз!

Мо аз он ифтихор дорем, ки Андиҷон аз ҷумлаи шаҳрҳои бузурги замонавии кишвари мо, Осиёи Марказӣ, дурдонаи водии Фарғона маҳсуб меёбад. Ин сарзамини куҳан олимону мутафаккирон, шоирону нависандагон, арбобони давлатӣ ва ҷамоатӣ, намояндагони соҳаҳои фарҳанг ва санъатро ба воя расонидааст.

Андиҷон замини муқаддасест, ки дар он ниёи номии мо, мутафаккири бузург, ҳоким ва бунёдкор Заҳириддин Муҳаммад Бобур таваллуд шудааст, ин низ ба мо ифтихор мебахшад.

Алҳол дар Андиҷон, ки дорои имкониятҳои хеле азим аст, тамоми соҳа ва самтҳо муттасил инкишоф меёбанд.

Ба мақсади беш аз пеш ба роҳ мондани чунин имкониятҳо, пешрафти минбаъдаи минтақа мову шумо ду сол муқаддам қарор додем, ки Андиҷони Нав ва боғи «Ўзбекистони Нав»-ро бунёд кунем.

Ҳамаи шумо шоҳиди дар даврони гузашта амалӣ гардидани корҳои азиме бобати татбиқ гардидани ин лоиҳаи васеъмиқёс шудед. Бояд таъкид намуд, ки шумо нафақат шоҳид, балки иштирокдори бевоситаи ин бунёдгарӣ мебошед.

Дар муҳлати кўтоҳ ҳамзамон дар ин шаҳри зебо хиёбони «Ўзбекистони Нав» низ барпо гардид, ки сазовори таърифу тафсиф аст.

Шумо, азизони худ ва дар шахси шумо тамоми халқамонро бо ин ғалабаи меҳнатӣ самимона муборакбод менамоям. Бигузор ин тағйироти азим ба тамоми халқи мо, пеш аз ҳама ба сокинони меҳнатдўсту саховатманди Андиҷон хидмат кунанд!

Аз тахти дил ба андиҷониён, ки анъанаҳои созандагии гузаштагони худро сазоворона идома медиҳанд, ватандўстӣ ва ташаббускории худро бо корҳои амалӣ намоиш медиҳанд, ҳамчунини дар кулли ҳамватаноне, ки дар ин кори хайр саҳм гузоштаанд, аз тахти дил миннатдорӣ изҳор менамоям.

Мехостам бо шумо бобати ташаббусе, ки аллакай муддати мадид аз ин хусус андеша мекунанд, маслиҳат намоям.

Агар ба мақсади абадӣ гардонидани хотираи Заҳириддин Муҳаммад Бобур, ки бо мероси нодири илмӣ ва эҷодии худ миллати мо, халқи моро дар тамоми олам шуҳратёр кардааст, мо Андиҷони Навро шаҳри Бобур номгузорӣ кунем, шумо чӣ мегўед?

Барои дастгириатон миннатдорам. Бовар дорам, ки инро тамоми халқи мо аз тахти дил орзу мекард. Ҳазрати Бобур шахсияти нодир ва бузургест, ин гуна ашхос дар таърихи ҷаҳонӣ камёфтанд, вай, бешубҳа, барои он ки нафақат кўчаву майдон, боғу хиёбон, балки як шаҳри тамом ба номаш гузошта шавад, шоиста мебошад.

Зеро Бобур Мирзо идомагари сазовори Эҳёи Темуриён, шахсияти бузург – пуштбони илм, фарҳанг, санъат ва адабиёт, истеъдоди инсонӣ буд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# МУАРРИФИИ ИМКОНИЯТҲОИ САЙЁҲИИ ЗИЁРАТИИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР ПОКИСТОН

***Бо ташаббуси Кумитаи сайёҳӣ дар шаҳрҳои Лоҳур, Карачӣ ва Исломободи Ҷумҳурии Исломии Покистон бахшида ба тарғиби имкониятҳои сайёҳии кишварамон чорабиниҳои «Road show» баргузор гардиданд.***

Дар чорабиние, ки дар пойтахти Покистон — шаҳри Исломобод доир гардид, раиси Кумитаи сайёҳӣ Умед Шодиев, директори Корпоратсияи рушди сайёҳии Покистон Афтаб ур Раҳмон Рано ва Сафири Фавқулода ва Мухтори Ўзбекистон дар Покистон Алишер Тўхтаев иштирок намуданд.

Дар доираи чорабинӣ намоиши тақдимоти «Ўзбекистон — гавҳари Роҳи Абрешим» ва вохўриҳои «B2B», «G2B» ва «G2G» миёни операторони сайёҳии ду кишвар баргузор гардиданд. Ҳамзамон, тақдимоти ширкати миллии ҳавонавардии «Uzbekistan Airways» низ муаррифӣ карда шуд. Дар ин тақдимотҳо доир ба имкониятҳои зиёратии Ўзбекистон, рушди босуръати сайёҳии зимистона ва кўҳӣ дар солҳои охир, инчунин имкониятҳои гастрономии хоси кишвар маълумот пешниҳод гардид.

Дар анҷоми чорабинӣ барномаи фарҳангӣ бо иштироки намояндагони соҳаи санъати Ўзбекистон ва намоиши имкониятҳои гастрономии кишварамон баргузор шуд.

**Муҳайё ТОШҚОРАЕВА,**
**мухбири ЎзА.**

# БОҒИ ТИЛЛО – БАҲОЯШ АЪЛО

***Пурсишномаи навбатии «Овози тоҷик», ки чандест бо мақсади муайян кардани дабистонҳои фаъолу пешқадами минтақаҳои ҷумҳурӣ гузаронида мешавад, дар байни 11 мактаби таълимашон ба забони тоҷикии ноҳияи Самарқанд доир гардид.***

***Вале аз сабаби фориғболии роҳбарону масъулони мактабҳои ҳамагонии рақами 28, 30, 34, 37, 39, 40, 41, 47 ва 54 пурсишнома натиҷаи самарабахш надод. Дар ҳоле, ки бо ҳамаи роҳбарони мактабҳо тамос гирифта, огоҳ кардем ва ҳамарўза пурсишномаро дар шабакаҳои иҷтимоӣ эълон намудем. Умед доштем, ки аз мактабҳои ноҳия, ки қариб 10 ҳазор донишомўз доранд, беш аз 20 ҳазор нафар дар назарсанҷӣ ширкат меварзанд, аммо ҳамагӣ 2 ҳазору 879 нафар овоз додаанду халос. Гарчанде он бо мақсади беҳсозии сифати таълим, дастгирӣ ва ҳавасманд кардани омўзгорон ва донишомўзони фаъол, кумак барои ҳалли мушкилоти муассисаҳои таълими умумӣ ҷараён гирифтааст.***

***Боиси хушнудист, ки мактаби таълими умумии рақами 43-юм, воқеъ дар гузари Боғи тиллои ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қозиқўрғон бо ҷамъ овардани 1047 овоз ҷойи аввалро ба даст овард. Бо супориши рўзнома мо гузориши зеринро аз мактаби пешқадам таҳия кардем, ки пешкаши муштариён мекунем.***

**(Давомаш дар саҳ.4).**



# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ ТАНТАНАВӢ БА ШАРАФИ ШАҲРИ НАВИ БОБУР ДАР ВИЛОЯТИ АНДИҶОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Мубориза барои дар давлат қарор додани сулҳу салоҳ ва адолат, ки ў ҳанўз аз наврасиаш барои он мекўшиду дар ин роҳ мардонагӣ зоҳир мекард, намунаи ҷасорат ва ватандўстӣ аст.

Бидуни шубҳа танҳо як асари «Бобурнома»-и гузаштаи мумтози мо, ки дорои донишҳои энсиклопедӣ ва андешаҳои нодир буд, ба мо ҳуқуқ медиҳад, ки ба шарафи ў чунин шаҳри зеборо номгузорӣ кунем.

Ман боз ва боз таъкид менамоям, ки мо бояд гузаштагони худ, фарзандони дар тамоми ҷаҳон машҳури халқи ўзбек чун Заҳириддин Муҳаммад Бобурро ҳеҷ гоҳ фаромўш накунем.

Муътақидам: худшиносии насли наврасро баланд бардошта, ба фарзандони худ дар бораи таърихи пуршарафи миллат ҳикоя карда, илм ва таълимро инкишоф дода, анъанаҳои ниёгони бузургамонро идома дода, мо, албатта, ҳам Ўзбекистони Нав ва ҳам Эҳёи Сеюмро бунёд мекунем!

Дўстони азиз!

Заҳириддин Муҳаммад Бобур танҳо 47 сол умр дид. Дар чунин муҳлати кўтоҳ вай корҳои бузургро анҷом дод, ёдгориҳои меъморӣ ва боғҳоро бунёд кард, аз худ нақши абадӣ гузошт, ки барои мо ибрати олитарин ба шумор меравад.

Аз ин нуқтаи назар, хотираи Ҳазрати Бобур, минбаъд ба халқ васеъ ошно кардани мероси нодири ў, дар тамоми ҷаҳон шуҳратёр намудани вайро мо вазифаи муҳимтарини нафақат олимону адибони муҳтарами мо, балки тамоми халқамон меҳисобем.

Бовар дорам, ки зиёиёни вилоят, ҷавонони серғайрат, тамоми сокинони Андиҷон дар ин бобат фаъолнокии бузург зоҳир мекунанд. Зеро ҳамаи мо медонем, ки андиҷониён дар солҳои душвори режими томгароӣ дар қалбу хиради худ хотираву эҳтиромро нисбати ин ниёи бузурги худ ҳифз кардаанд.

Мо ба корҳои бузурги бисёр мутафаккирон, аз ҷумла пири муҳтарами мо Зокирҷон Машрабов, ҳамчунин Бунёди байналхалқии Бобур ва экспедитсияи илмӣ баҳои хеле баланд медиҳем.

Вобаста ба ин бояд ба он чиз эътибори махсус дода шавад, ки мероси Бобур Мирзо ин воқеан уқёнуси беҳудуд аст. Бинобар ҳамин ҳам муҳим мебошад, ки тадқиқот дар соҳаи бобуршиносӣ дар мамлакат ва минтақа қатъ нагардад, ин ҷунбиш ба насли наврас, ҷавонони ҷасуру қатъӣ дода шавад, кори мазкур дар сатҳи беш аз пеш наву баландтар идома ёбад.

Дар ин кор ман омодаам ҳамаҷониба кўмак расонам.

Дўстони азиз!

Агар гўям, ки тағйироти дар мамлакат татбиқшаванда бо орзуву омоли гузаштагони машҳури мо чун Бобур Мирзо, ба ғояҳои ҳаётӣ ва фаъолияти бузурги онҳо ҳамовоз мебошанд, саҳв намекунам.

Имрўз мо ҳақ дорем изҳор кунем, ки якҷо бо шумо, дар ин замини муқаддас, ки дар он Бобур таваллуд шудааст, иштирокдорони боз як воқеаи таърихӣ, ба ҳаёт татбиқ гардидани орзуҳои амалинашудаи ў ба шумор меравем.

Аз имрўз вазифаи амалии рўзномаи ҳаёти мо ба шаҳри аз ҳама зебо, аз ҳама замонавӣ табдил додани шаҳри Бобур, ки ҳамаамон инро орзу доштем, оғоз меёбад. Дар ин шаҳр ба мақсади тарбия намудани бобурҳои нав кластери бузурги таълимӣ бунёд мегардад, ки ба он кўдакистон ва мактаби махсус, донишгоҳ, китобхона ва хиёбони IT-и ба номи ниёи бузурги мо дохил мешаванд. Дар ҳудуди мактаби олӣ маҷмўи варзишии ба талаботи олитарин ҷавобгў сохта хоҳад шуд.

Ҳамаи мо даст ба дасти ҳам дода, шаҳри Бобурро ба маркази маънавият табдил медиҳем, ки ҳувияти миллӣ, шаҳри таълим, илм ва маданияти на танҳо водии Фарғона, балки тамоми кишвар, «смарт-ситӣ» – шаҳри замонавии ақлӣ мегардад, ки дар пояи технологияҳои «сабз» бунёд шудааст.

Масоҳати шаҳри Бобур 4 ҳазор гектарро ташкил медиҳад ва дар он шароити арзандаи зиндагӣ ва кор барои 500 ҳазор нафар фароҳам оварда мешавад.

Чун шаҳри бузурге, ки номи шоир ва мутафаккири бузург Алишери Навоиро дорад, шаҳри мазкур низ, агар ба тарзи адабӣ ифода кунем, пули маънавии байни дирўз ва имрўз мегардад ва дар таърихи нави мо мақоми сазовор пайдо мекунад.

Дар нуқтаи баландтарини боғ мо ҳамчунин муҷассамаи бузурги Заҳириддин Муҳаммад Бобурро насб мекунем.

Шаҳри Бобур бояд оинаи ба худ хосе гардад, ки маданият ва санъати миллӣ, меҳмоннавозӣ, кушодадилии ўзбекона ва ҳамкории моро инъикос намояд.

Барои татбиқ намудани ин ҳадафҳои нек мо барномаи азимро қабул мекунем, фонди махсус бо сармояи ибтидоии 250 миллион доллар созмон дода мешавад.

Ҳар сол ба фонд маблағҳои иловагӣ ҷудо карда мешаванд.

Дар тантанаҳои имрўза муовинони Сарвазир, роҳбарони вазорату идораҳои соҳавӣ иштирок доранд. Ба онҳо супурда мешавад, ки татбиқсозии ин лоиҳаи васеъмиқёс баъди на камтар аз як моҳ оғоз ёбад.

Сокинони муҳтарами Андиҷон!

Фикр мекунам, агар дар саҳнаи амфитеатри замонавии ин боғи зебо мунтазам санъати ғановатманди халқи мо намоиш дода шавад, ашъори шоирони машҳури мо садо диҳанд, мувофиқи мақсад мегардад.

Аз фурсат истифода бурда, аз номи тамоми халқамон ва шахсан аз номи худ ҳамаи кормандони соҳаи маданият ва санъатро бо ҷашни касбии имрўзаашон самимона муборакбод менамоям.

Муътақидам, ин боғи сарсабз, ки симои беназир дорад, дорои инфрасохтори замонавии истироҳат аст, дар ҳаёти шаҳри нав мақоми махсус пайдо мекунад, мавзеи дўстдоштаи сокинони Андиҷон, ҳамдиёрони мо ва меҳмонон мегардад.

Тавре ки маълум аст, дар кадом нуқтаи ҷаҳон, дар кадом кишваре набошад, Заҳириддин Муҳаммад Бобур дар тамоми ҳаёташ ватани азизи худро ёд мекард. Фикр мекунам, шумо ба ин фикр розӣ хоҳед шуд, ки имрўз орзуи ниёи бузурги мо иҷро шуд, вай боз ба Ватан баргашт. Ҳамаи шуморо бо ин ҳодисаи таърихӣ муборакбод менамоям.

Ба ҳамаи шумо ва дар шахси шумо ба кулли сокинони Андиҷон сулҳу салоҳ, оромиву осудагӣ, саломатии мустаҳкам ва комёбиҳои нав орзу мекунам.

# ДАР АНДИҶОН САНОАТ БА ШАБАКАИ ПЕШҚАДАМИ ИҚТИСОДИЁТ ТАБДИЛ МЕЁБАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Боз як ҷиҳати дорои аҳамият, дар маҷмаа бунёд гардидани иншооти замонавии обтозакунист, ки аз Италия оварда шудаанд. Дар он оби техникие, ки аз коргоҳи рангубор мебарояд, тоза гардида, аз нав истифода мешавад. Ин дар сарфакорӣ ва таъмини устувории экологӣ нақши муҳим дорад.

Сарвари давлат аз раванди кор дар корхона боздид намуд ва бо коршиносон мулоқот кард. Дар бораи масъалаҳои истифодаи босамари майдонҳои истеҳсолӣ, кам кардани арзиши аслӣ аз ҳисоби сарфаи барқ, такмил додани таҷрибаи касбии кормандон ҳарф зад.

Бояд гуфт, ки фаъолияти корхона ба бозори хориҷӣ ихтисосонида шудааст ва ҳаҷми содироти солона 55 миллион долларро ташкил менамояд.

Дар вилояти Андиҷон саноати бофандагӣ босуръат рушд мекунад. Дар низоми кластери замонавӣ коркарди амиқи пахтае, ки дар минтақа парвариш шудааст, вусъат меёбад. Ҳиссаи вилоят дар саноати бофандагии ҷумҳурӣ 16,5 дарсад аст. Соли 2024 дар Андиҷон ба маблағи 20 триллион сўм маҳсулоти бофандагӣ истеҳсол гардида, ба маблағи 488 миллион доллар содир шудааст. Ин 42 дарсади содироти умумии вилоятро ташкил медиҳад.

Бо мақсади таъмини иҷрои ин вазифаҳо корҳои васеъмиқёс амалӣ гардиданд. Дар давоми соли 2024 дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ сесаду ҳаштод лоиҳа татбиқ карда шуд. Дар ин ҷода соҳаҳои бофандагӣ, саноат ва кишоварзӣ мавқеи асосиро ишғол карданд. Аз ҳисоби ба кор даровардани ин лоиҳаҳо беш аз сию ду ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд.

Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимоти ҳадафҳои асосӣ дар вилояти Андиҷон, ки барои соли 2025 пешбинӣ шудаанд, шинос гардид.

Дар чоряки аввали соли равон дар натиҷаи татбиқсозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва бо иштироки бонкҳои тиҷоратӣ 77 ҳазор нафар шаҳрванд бо кор таъмин гардиданд.

Дар маҷмуъ соли 2025 ҷамъ 166 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 5 миллиарду 700 миллион доллар татбиқ хоҳад шуд. Дар натиҷа 31 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис дода мешаванд. Хариди 31 номгўи маҳсулоти нав роҳандозӣ шуда, барои содирот ба маблағи 1,5 миллиард доллар имкон фароҳам меояд. Барои бо энергияи устувор таъмин намудани корхонаҳо 65 мегаватт иқтидори нав сохта мешавад.

Бо идома додани ин корҳо, чун ҳадаф то охири сол бо кори даромаднок таъмин кардани ҷамъ 305 ҳазор нафар пешбинӣ шудааст.

Дар тақдимот ба масъалаҳои диверсификатсияи иқтисодиёт, рушди саноат, роҳандозии технологияҳои нав, афзунсозии иқтидори истеҳсолӣ диққати махсус дода шуд. Соли 2025 ба 5,5 дарсад расонидани суръати рушди иқтисодӣ пешбинӣ шудааст.

Президент ба масъулин дастур дод, ки лоиҳаҳоро сари вақт амалӣ намуда, мардумро бо шуғли даромаднок таъмин созанд ва бекоронро ба касбу кор равона кунанд.

Роҳбари давлатамон аз ярмаркаи саноатии минтақавии вилояти Андиҷон дидан кард.

Дар ин ҷо қариб 500 намуди маҳсулоти 110 корхона ба намоиш гузошта шудааст. Аз ҷумла, лоиҳаҳои ояндадор дар соҳаҳои мошинсозӣ, бофандагӣ, техникаи барқӣ, технологияҳои рақамӣ, масолеҳи сохтмон, хўрокворӣ, гулпарварӣ, занбўриасалпарварӣ, моҳипарварӣ ва дигар бахшҳо гузошта шудаанд.

Сарвари давлат бо анвои гуногуни маҳсулот ва коркардҳои пешқадам, ки дар вилоят истеҳсол мегарданд, шинос шуд, бо ташаббускорони онҳо мулоқот кард, ҳамчунин зарурати дастгирии таҷрибаҳои беҳтарин ва оммавигардонии онҳоро дар саросари ҷумҳурӣ таъкид намуд.

Бо ин мақсад ба ярмарка масъулон ва соҳибкорони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд даъват шудаанд. Онҳо дар бораи истеҳсоли муштараки маҳсулот, масъалаҳои ҳамкорӣ ва хариду фурўш табодули афкор менамоянд.

Ҳоло дар вилояти Андиҷон беш аз 11 ҳазор корхонаи саноатӣ мавҷуд. Ҳиссаи онҳо дар саноати ҷумҳурӣ беш аз 10 дарсад мебошад.

Бахусус, дар ҳудуд 47-то минтақаи саноатӣ таъсис ёфтааст. Дар онҳо 1000 лоиҳа ба маблағи 2,3 триллион сўм татбиқ гардида, 18 ҳазор нафар бо кор таъмин шуданд. Соли 2024 дар минтақаҳои мазкур ба маблағи 1 триллион сўм маҳсулот истеҳсол шуда, ҳаҷми содирот қариб 31 миллион долларро ташкил дод.

Ҳоло 288 лоиҳаи сармоягузорӣ бо арзиши умумии 1 миллиард доллар дар раванди татбиқсозӣ аст.

Аз ҷумла, соли равон 119 лоиҳа татбиқ гардида, ташкил кардани беш аз 4 ҳазор ҷойи нави кор дар назар мебошад. Ҳаҷми содироти маҳсулоти саноатӣ ба 47 миллион доллар расонида мешавад.

Пас аз сафари соли гузашта аз ноҳияи Олтинкўл 16 гектар замин ҷудо гардида, маҷмааи истеҳсоли мебелҳо бо усули кластер ташкил гардида буд. Дар ин ҷо беш аз 100 устохона, 236-то шоурум ва нуқтаҳои савдо ҷойгир шудаанд.

Андиҷон минтақае мебошад, ки аҳолӣ хеле зич ҷойгир шудааст. 10 дарсади аҳолии Ўзбекистон дар 1 дарсад замини он истиқомат мекунанд. Бинобар ин, соли 2021 бо ташаббуси сарвари давлат сохтмони шаҳри нав оғоз ёфта буд. Президент зимни сафари навбатӣ аз нахустин натиҷаҳои лоиҳа боздид кард.

Ин шаҳр дар саҳрои ноҳияи Андиҷон, дар 4 ҳазор гектар майдон, ки барои кишоварзӣ истифода нашудааст, сохта мешавад. Сохтмон дар ҳашт марҳила ба нақша гирифта шуда, ҳоло 63 бинои дорои 1 ҳазору 770 хонадон ба истифода супорида шудааст. Инчунин, мактаби дорои 1 ҳазору 680 ҷойи нишаст, кўдакистон барои 420 нафар ва поликлиника барои 250 нафар бунёд гардидааст. Корхонаи саноати сабук ва маркази ипотека ташкил гардидааст.

Сарвари давлат минтақаро давр зада, маҷмааҳои навро аз назар гузаронд. Дар аксар хонадонҳои тайёр аллакай оилаҳо истиқомат мекунанд. Шодмониҳои кўдакон дар майдончаҳои бозӣ ба дил сурур ва ба чашм роҳат мебахшад. Корҳои сохтмон босуръат идома ёфта, имсол боз 40 бинои бисёрошёнаи дорои беш аз ҳазор хонадон сохта мешавад.

Иншоот бо шабакаҳои зарурӣ – роҳ, неруи барқ, гази табиӣ, об ва гармӣ таъмин шудаанд. Барои таъмини аҳолӣ бо оби нўшиданӣ иншооти нигоҳдорӣ ва интиқоли об бо ғунҷоиши чор ҳазор метри мукааб фаъолият дорад.

Дар 19 гектар майдон боғи «Ўзбекистони Нав» сохта шуда, беш аз даҳ ҳазор бех ниҳоли дарахтони ороишӣ, бутта ва гулҳо шинонида шуданд. Ин боғ дорои амфитеатр, масканҳои истироҳатӣ, пайроҳаҳои ороишӣ, қаҳвахона, майдончаҳои бозӣ ва низоми равшанидиҳӣ буда, ба ҳусни Андиҷони Нав шукўҳ мебахшад.

«Боғи ватанпарвар», ки дар ин ҷо воқеъ аст, маънои бузурги рамзӣ дорад. Ёдгории «Савганд бар Ватан», осорхона, майдонҳои консерт ва тамошои боғ дар меҳмонон таассуроти хуб мегузоранд.

Доираи лоиҳа васеъ аст. Дар 1 ҳазору 439 гектар майдони минтақа 2 ҳазор манзили истиқоматии бисёрошёна қад рост мекунад. Инчунин, растаҳои савдо ва хидматрасонӣ, дар 1 ҳазору 820 гектар майдон минтақаҳои сабз ташкил мегардад.

Баъди ба охир расидани сохтмон дар ин ҷо беш аз 410 ҳазор аҳолӣ метавонанд истиқомат кунанд.

Дар ин ҷо лоиҳаҳои нави сохтмонӣ ва ободонӣ муаррифӣ гардиданд. Бино бар он, боғи истироҳатии ба номи Алишер Навоӣ бозсозӣ мегардад. Дар Андиҷони Нав муҷассамаи Заҳириддин Муҳаммад Бобур гузошта мешавад. Президент оид ба ифодаи воқеии симои Бобур ва ҳамоҳанг кардани манзараи гирду атрофи он ба сулолаи Бобуриён андешаҳои худро иброз намуд.

Роҳбари давлат дар боғи нав намоишгоҳҳои ҳунармандӣ, бадеӣ ва санъати амалиро тамошо кард. Ташаббуси ҳар сол дар Андиҷон гузаронидани фестивали мусавиронро ба миён гузошт.

Сипас Президент Шавкат Мирзиёев дар сайри мардумӣ, ки дар боғи «Ўзбекистони Нав»-и Андиҷон баргузор гардид, иштирок кард.

Дар мулоқот бо ҷавонони андиҷонӣ ба онҳо боварии баланд изҳор карда шуд.

– Яке аз бузургтарин ҳадафҳои давлати мо сиёсати ҷавонон аст. Корҳое, ки дар сохторҳои таълиму тарбия, маҳалла, таъмини шуғл, варзиш иҷро мекунем, ба манфиати фарзандонамон мебошад. Ҷавонони мо қобилиятнок ва боистеъдоданд. Ин истеъдод кай намоён мешавад? Меҳнат бошад. Одаме, ки дониш андўхта, ҳаракат мекунад, ҳеҷ гоҳ камбизоат намешавад, кори худро меёбад. Шумо ҳам хонда, пажуҳиш карда, касбу ҳунарҳои замонавиро омўзед. Барои хушбахт шудан бояд пойдевори мустаҳкам гузоред, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Президент бо намояндагони миллатҳои гуногуни сокини Андиҷон низ мулоқот кард. Таъкид гардид, ки сулҳу ваҳдат дар мамлакат, ҳамҷиҳатии байни миллатҳо арзишмандтарин неъмат аст.

Дар амфитеатри боғ барномаи консертӣ доир гардид. Роҳбари давлат дар чорабинӣ суханронӣ намуда, ба аҳли вилоят эҳтироми баланди худро иброз дошт.

–Арҷ гузоштан ба қадри инсон, таъмин сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои мардум, дар асоси он баланд бардоштани қаноатмандии одамон аз ҳаёт – мақсади асосии ислоҳоте мебошад, ки дар Ўзбекистони Нав татбиқ мегарданд.

Ҳоло мо натиҷаҳои амалии чунин корҳои васеъмиқёс ва хайрро дар тамоми вилоятҳо, деҳот ва овулҳои ватани худ мушоҳида карда, албатта, аз ин бениҳоят хурсанд мешавем, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Тасдиқи амалии инро дар сарзамини зебо ва нотакрори Андиҷон низ равшан дидан мумкин аст. Дар вилоят бобати саноат, соҳибкорӣ, кишоварзӣ, бунёди боғҳои нав, обод кардани кўчаву маҳаллаҳо, фароҳам овардани шароити мусоид барои меҳнат ва зисти аҳолӣ корҳои зиёд амалӣ мегарданд.

– Дар замини Андиҷон ғояи Ўзбекистони Нав, нафаси Ўзбекистони Нав дар ҳар маҳалла, ҳар як оила эҳсос мегардад ва халқи моро ба комёбиҳои беш аз пеш рўҳбаланд месозад. Ин натиҷаи аз ҳама бузург, аз ҳама муҳими ислоҳотест, ки мо ва тамоми халқамон интизор буданд, – гуфт Президент.

Андиҷон яке аз шаҳрҳои таърихии кишварамон, дурдонаи водӣ мебошад. Имрўзҳо дар вилоят тамоми соҳа ва шабакаҳо босуръат рушд мекунанд. Ҳоло дар ин ҷо иқтидори бениҳоят бузург мавҷуд аст. Бо мақсади ба кор даровардани чунин имкониятҳо, боз ҳам ривоҷ додани минтақа шаҳри Андиҷони Нав сохта мешавад. Дар фурсати кўтоҳ дар ин ҷо боғи хушҳавои «Ўзбекистони Нав» низ сохта шуд.

Сарвари давлатамон ба тамоми инсонҳое, ки дар ин кор саҳм гузоштанд, ташаккур гуфт.

Андиҷон, бо он ки зодгоҳи Заҳириддин Муҳаммад Бобур аст, машҳур мебошад. Бинобар ин, Шавкат Мирзиёев ташаббуси Бобур номгузорӣ кардани шаҳраки Андиҷони Навро пешбарӣ кард. Ин иқдомро андиҷониён бо шодмонӣ дастгирӣ намуданд.

Бобур Мирзо давомдиҳандаи муносиби тамаддуни Темуриён, шахси бузурги сарпарасти илму фан, фарҳанг, санъат ва адабиёт мебошад. Ў бо мероси нодири илмӣ ва эҷодии худ миллати мо, халқи моро дар тамоми олам тараннум кардааст. Ба шарафи ў шаҳри алоҳида сохта шавад, арзанда аст. Таъкид гардид, ки ин дар роҳи амалӣ намудани ормонҳои амалинашудаи дили Мирзо Бобур боз як воқеаи таърихӣ мешавад.

Дар шаҳр кластери бузурги таълимӣ иборат аз мактаб ва кўдакистони махсус, донишгоҳ, осорхона, китобхона ва хиёбони технологияҳои иттилоотӣ бунёд мегардад. Дар ҳудуди мактаби олӣ маҷмўи варзишии ба талаботи олитарин ҷавобгў сохта хоҳад шуд.

Шаҳри Бобур ба маркази маънавият табдил дода мешавад, ки ҳувияти миллии моро таҷассум карда, барои ҷавонон майдони илҳом, ибрат ва парвоз мегардад, боз ба як маркази сайёҳӣ ва фарҳанг, «шаҳри оқил»-и мамлакат, ки технологияҳои муосир истифода шудаанд, табдил меёбад.

Ин шаҳр, чун шаҳри азиме, ки номи шоир ва мутафаккири бузург Навоиро дорад, пули маънавии байни таърихи бошарафи дирўз ва имрўз мегардад ва дар таърихи нави мо мақоми сазовор пайдо мекунад. Дар нуқтаи баландтарини боғ муҷассамаи нав ва бузурги Заҳириддин Муҳаммад Бобур гузошта мешавад.

Барои татбиқ намудани ин ҳадафҳо барнома қабул гардида, 250 миллион доллар ҷудо карда мешавад.

– Ҳамаи мо медонем, ки Заҳириддин Муҳаммад Бобур дар кадом нуқтаи ҷаҳон, дар кадом сарзамине набошад, тамоми умр бо ёди ватан зистааст. Имрўз орзуи ниёи бузурги мо иҷобат гардид, вай боз руҳан ба Ватани худ баргашт гўям, фикр мекунам, шумо ба ин ҳамроҳ мешавед. Чунин рўзи бузургу таърихӣ барои ҳамаи мо муборак бошад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Роҳбари давлат ба муносибати 15 апрел – Рўзи кормандони фарҳанг ва санъат намояндагони соҳаро низ самимона табрик кард.

Сафари Президент Шавкат Мирзиёев ба вилояти Андиҷон идома дорад.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**Фахриддин УБАЙДУЛЛОЕВ,**
**мухбирони ЎзА.**

# ОМӮЗГОРИ АСАЛПАРВАР

Вақте ба ҳавлии сабзу хуррами ӯ сар халондам, устод Холмирзо Муҳиддинов машғули корҳои рӯзгор буд. Вай чандин сар бузу гӯсфанд, гову гӯсола, як катак мурғ ва ҳафтод оила занбӯри асал дорад, ки танҳо худаш ба нигоҳубини онҳо машғул аст.

Мо, ғолибан, шиносҳои деринем. Пас аз танаффуси тӯлонӣ ҳоло ба уммеди иштирок дар як маъракаи ин хонадон ба маҳаллаи «Янги ҳаёт»-и ноҳияи Қумқӯрғон омадам. Устод Муҳиддинов баҳорвор шукуфон гашт.

– Кори мактабро супоридам, бародар. Ҳоло дар нафақа, – андешаманд нигоҳ мегурезонад ӯ. Баъд андаке сурх шуда, гӯё шуғли нави худро рӯнамоӣ мекунад. Дар қуттиҳои бешуморе занбӯри асал мепарварад.

– Офарин, чӣ кори муфиде, – дар тақвияти талошҳои ӯ гуфтам ман.

Вақте суҳбати мо ҳарф ба ҳарф ба ҳам печид, то аз неши занбӯрҳои асал эмин монем, аз қуттиҳо каме дур рафтем.

– Чияшро мепурсед, мухбирҷон?! Ба нафақа гусел карда, шояд бо мушханди нешдор мегӯяндат: «Шаҳрванди муҳтарам! Ҳамин қадар сол кор кардӣ, кифоят. Ташаккур! Хеле монда шудӣ, сиҳатии танат ҳам мисли қадим таърифӣ нест. Бас аст акнун худкоҳӣ! Дигар ҳар нафаси худро дар роҳату фароғат гузарон. Роҳати фарзандон, даври наберaву чабераро ба табъи дил бубин...»

Як пешонӣ сутурда, фарох механдад ва ман ҳис мекунам, ки ин ханда дар ниҳод чӣ аламҳое дорад. Ин дарди пинҳон ифодагари аз даст додани шуғли як умр барояш азизу мукаррам нест, балки аз гузашти умр, аз фаро расидани пирии ногузир аст.

Агарчӣ барои Холмирзо Муҳиддинов кори омӯзгорӣ баробари дилу ҷон арзиш дошт, дигарбора дар талаби кор остонаи дабистонро накӯфт. Ва ҳамин хел, баъд аз чил соли фаъолияти педагогӣ кори мактабу маорифро канор гузошт. Аммо ҳаргиз аз турфаи хонашину бекорхӯҷаҳо нашуд. Баръакс, миён маҳкамтар баста, кунун ҳар дами ғаниматро барои ободии дил, парвариши рӯҳ, офияти тан... масраф месозад.

– Аз бекор – ҳама безор! – мегӯянд, ҳоло ки чаҳор муччаам «бутун», дастнигари касе нахоҳам шуд!

Ба пиндори ин омӯзгори варзида, роҳату фароғати инсон танҳо дар меҳнат ва кор муҷассам аст. Дар он муҳити ошно занги дабистон чун навои зиндагӣ хуш ба гӯшаш мерасид, вале чӣ илоҷ, – дар дидагон ашки ҷудоӣ ногузир хайрухуш кард. Ва... дар як ҳисоб хуб ҳам кард.

– Бигзор ҷавонон кор кунанд, ҳунари худро сайқал диҳанд. Аз мо – пиронсолон акнун пайваста дуо кардан.., – барои таскини дил қатъӣ мегӯяд Холмирзо Муҳиддинов ва дар сар кулоҳи ҳифозатӣ бо қадамҳои реза ба ҷониби коргоҳи нави худ роҳ мегирад.

Дар ҳавлии васеъ, ки комилан дарахтзор буда, аксари онҳо дар ин айёми оғози баҳорон ба гул нишастаанд, қатор-қатор қуттиҳоро гузоштаанд. Ин қуттиҳо рангобаранг буда, дар зеҳни кас тиру камони баъди боронро бедор месозад. Аз як сӯрохии қадре кушод занбӯрҳои асал беист дарову баро карда, аз дарахтзорони атроф, гулу гиёҳи ҳотаҳои мардум ширaи сара мекашонанд. Ҳавлӣ гӯё як коргоҳи бузурге буд, ки ҳазорон коргар дошт... Садои якмароми ин ҷонваракони меҳнаткаш муҳити ҳавлиро пур кардааст. «Ғинг-ғинг-ғинг...» – пайваста ба гӯш мерасад ин мусиқии беохир! Омӯзгори акнун нафақахӯр ба ҷои садои зангӯлаи мактабу ғалмағали шогирдон ба овози «азизон»-и наваш гӯш медиҳад. Ба парвариши онҳо миён маҳкам баставу фаровон ҷаҳд мекунад. Занбӯрҳои корӣ дар як рӯз чандин маротиба сабукбор аз ҳамин дари танг берун рафтаву гаронбор ба лонаи худ бармегарданд.

Дар болои қуттие, наздиктари марди асалпарвар, як зарфи гарданборики оҳание истодааст, ки аз лаби танга барин кушодаш коҳилона дуд мехезад. Аз



нигоҳи суоломези ман маънӣ чида, устод Муҳиддинов зуд шарҳ медиҳад:

– Инро барои аз худ дур кардани занбӯрҳо истифода мекунем. Дар дохили ин зарф як пораи пахта, латтаи кӯҳна ё картонро гузоштаву оташ медиҳем. Дуди ин ашё занбӯрҳоро аз давру пеши кас меронад ва бемалол қуттиҳоро кушода, тоблуҳоро аз назар мегузаронем, – мегӯяд кӯтоҳак Холмирзо Ҳоҷӣ.

Ман ба замини сахти пеши қуттиҳо менигарам. Дар пеши даромадгоҳи қуттраш ба чени даври як ангушт занбӯрҳои беҷон хобидаанд.

– Ин занбӯрҳои ба марг маҳкум ва дар як ҳисоб аз хайли гунаҳкоронанд. Шояд ба ифлосиҳо нишаста, гоҳи аз дар даромадан навкарони зираки дарбону дидбон пай бурда, бо дастури Малика ҷазои лоиқ додаанд. Асалзанбӯрҳое, ки қонуни корро вайрон мекунанд, ба хонаи умумӣ иҷозати вуруд намегиранд ва ҳатман ба марг маҳкум мешаванд. Дар ин ҷо тозагӣ шарти асосии дарозумрӣ ва эътибору эътироф аст! – мегӯяд омӯзгори асалпарвар. – Занбӯрҳои асал аҷаб дунёе доранд. То забони онҳоро надонӣ, аз дилашон огоҳ нагардӣ, бештар меҳр наварзӣ... бо ту қаҳрӣ мешаванд ва аз ягон ҳаракати ноҷоят ранҷида, оилахез ба ҷои дигаре фирор мекунанд. Ман ҳам дар ибтидои кор аз нофаҳмӣ, шояд дуруштмуомилагӣ чандин оилаи занбӯри худро аз даст додаам. Онҳо ба самти номаълуме паридаву бо ҳамин нопадид гаштаанд.

Холмирзо Муҳиддинов чунин тариқи зиндагиро аз қиблагоҳи мукаррами худ омӯхтааст. Бисту панҷ сол муқаддам аз ин дар як деҳаи дурдасти кӯҳистони ноҳияи Сариосиё мезистанд. Холмирзои ҳоло нафақахӯр дар деҳаи Ниговат (Некобод) октябри соли 1963 дида ба дунё кушодааст. Падараш Ҷумъабой умре бо касби деҳқонӣ шуғл варзида, дар тарбияти фарзандон ва камоли маънавии онҳо эътибори ҷиддӣ медод. Модараш Рокия ҳоло ба синни 83 даромадаву пайваста дуогӯи ҷавонон аст. Холмирзо соли 1979 мактаби рақами 7-уми ноҳияи Сариосиёро хатм карда, ҳамон сол донишҷӯи факултаи таърихи Донишкадаи педагогии Душанбе гашт. Дар солҳои кор баробари омӯзгорӣ масъулияти раиси маҳаллаи «Некобод»-ро низ дар ӯҳда дошт. Баъд дар кӯҳистони Дараи Ниҳон ноамниҳо рух доданд ва дар қатори мардумони чандин деҳа бошандагони Ниговатро низ иҷборан ба ҳамвориҳо интиқол доданд. Онҳо ба маҳаллаи «Янги ҳаёт»-и ноҳияи Қумқӯрғон кӯчида омаданд ва Холмирзо Муҳиддинов дар мактаби рақами 67 ба ҳайси ҷонишини директор оид ба корҳои маънавияту маърифат кор карда, ҳамзамон ба шогирдон аз фанни таърих сабақ медод.

– Рӯзҳои мушкил паси сар шуданд ва ҳоло мардум зиндагии осуда ва ободтаре доранд, – мегӯяд ӯ, солҳои воқеан пуртаҳлукаи кӯчокӯчи иҷбориро ба ёд оварда. – Аз хонаву дари обод ҷудо шудаву дар шароити як дашти сӯзон мутобиқ гаштан осон набуд.

Холмирзо Муҳиддинов чил соли умри худро сарфи мактабу маориф сохта, дар тарбияти шогирдони зиёде саҳм гирифтааст. Чун подоши меҳнати пурмашаққату тӯлониаш дар соҳаи таълим садорати шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳияи Қумқӯрғон «Фахрияннома»-ю «Ташаккурнома»-ҳо додааст. Ӯ бо нишони сарисинагии «Фидоии таълими халқи Ӯзбекистон» ва нишони «Аълочии маорифи халқи Ӯзбекистон» сарфароз гаштааст.

– Асалпарварӣ ҷону дилам аст. Аз баракоташ ҳам ҳаёти худам ширин ва ҳам зиндагии мардумро алоқадри ҳол бо шаҳд меомезам, – мегӯяд риши мошубиринҷи худро маҳин сила карда Холмирзоев.

Аз ибтикори ӯ ҳатто ҳокими вилоят хабардор гаштаву рӯзе бо роҳбарони чаҳор сектори ҳокимияти ноҳия ва идораҳои гуногун ба хонаи ӯ омаданд.

– Баногаҳ даромадаву маро дар ҷои кор ёфтанд ва баъд аз саволу ҷавобҳо хурсанд баромада рафтанд. Ҳоким ба мулозимонаш амр кард, ки таҷрибаи ин марди нафақахӯрро тарғиб ва оммавӣ созанд. Ҳукумат ҳоло ба соҳибкорӣ эътибори ҷиддӣ медиҳад. Аз мардум талаб дорад, ки танбалиро канор гузоштаву ба ободии рӯзгори худ машғул гарданд.

Устод Х. Муҳиддинов аз натиҷаҳои меҳнаташ гуфтаву хеле меболад. Соли гузашта ҳудуди як тонна асал ҷамъ овардааст ва ҳоло асалзанбӯрҳояш аз зимистон беталаф баромадаву дар талоши истеҳсоли шаҳд ҳастанд.

– Соли гузашта аз фурӯши оилаҳои занбӯр 30 миллион сӯм даромади соф ба даст овардам. Як оилаи занбӯри асал ҳоло то як миллион сӯм қимат дорад ва он метавонад дар як сол то 15 кило асали тоза истеҳсол намояд. Аммо фасли зимистон занбӯрҳо нигоҳубини хоса талаб мекунанд. Агар ғизояшон кифоят бошад, солиму фарбеҳ то баҳор мерасанд ва дар кори ғундоштани шаҳд бетаъхир меҳнат мекунанд. Аммо баъзе асалпарварон хасисӣ кардаву аз ризқи занбӯр мезананд, ё нафсашон баландӣ карда, тамоми шаҳди дар тирамоҳ ҷамъкардаи он ҷонвараконро мегиранд. Дар чунин маврид занбӯрҳо қурбони нафсҳои бад мешаванд. Охир, кадом коргар бо шиками гурусна кор кардаву манфиат меорад? – суду зиёни кори занбӯрпарвариро чунин шарҳ медиҳад Холмирзо.

Ин дам Рокиямомо бо мушояати синҳораш Ҳадия (завҷаи устод. Вай 35 сол дар мактаб кор карда, низ ба нафақа бармадааст) ба назди мо меоянд. Момо қомати хамидаашро бо зӯри иродат бардошта, чун наздик мешавад, аз забонаш шаҳд рехтаву хеле дуо мекунад ва ман дар қатори чанд суол аз ватани аҷдодиаш мепурсам. Як дам хомӯш гашта, чун номи деҳаи бобоии худро аз забони ман мешунавад, ғунчавор мешукуфад ва дилаш лабрези ҳаяҷони беназир мегӯяд:

– Деҳаи Ниговату Источи мо дар кӯҳистон биҳишти рӯйи замин буданд, бачем. Ҳавои софу оби зулоле доштанд, ки эҳа-а... Агар дар ихтиёри ман мебуд, ба ягон дороии рӯйи олам иваз намекардам. Мӯмиё буд, доруи ба сад дарди инсонҳо даво... Ҳукми тақдир будааст, ки дар таҳдашт ватан кардем. Шукр, дар ин ҷо намурдаву зиндагӣ дорем. Аммо ба Ватани бобоӣ чӣ расад?

То занбӯрҳо озор надиҳанд, муаллим Муҳиддинов аз модару ҳамсараш хоҳиш мекунад, ки аз назди қуттиҳо дуртар раванд.

Устод бо ҳамсари худ Ҳадия Гулова 39 сол ин ҷониб зиндагии якҷоя доранд ва ҳама зарбаҳои ҳаёту нишоти онро ба ҳам дида, 7 нафар фарзанд ба дунё овардаанд, ки ҳар кадом соҳибкасб ҳастанд. Хусрав, Азиз ва Муҳайё омӯзгоранд. Марҳабо дӯзанда, Парвиз шифокор, Муштарӣ ҳамшираи шафқат ва Муҳиддин ронандаи қатора аст. Зану шавҳар дар ҳалқаи фарзандони некному наберагони хушфеъл як зиндагии ширине ба сар мебаранд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*Мо рӯзмарра дар бораи вазъи обу ҳаво маълумот пайдо мекунем ва инро Маркази хадамоти обуҳавосанҷии кишвар ё мухтасар «Ӯзгидромет» аз тариқи шабакаҳои телевизионӣ бештар анҷом медиҳад. Мухбири мо бо як қатор савол ба сухангӯи ин идора Нигора Тошхоҷаева муроҷиат намуд.*

# ОЁ МАЪЛУМОТИ ИДОРАИ ОБУҲАВОСАНҶӢ ҲАМЕША ДУРУСТ АСТ?

**– Таваҷҷӯҳ ба хидмати гидрометеорологӣ беш аз пеш меафзояд. Инро чӣ тавр тавзеҳ медиҳед?**

– Мутобиқи фармони Президент дар заминаи Маркази хизматрасонии гидрометеорологии ҷумҳурӣ Агентии хадамоти гидрометеорологии назди Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим таъсис дода шуд. Албатта, таваҷҷуҳи доимии Сарвари давлат ба фаъолияти идораи мо чӣ дар марказ ва чӣ дар минтақаҳо водор месозад, ки мо бештар эҳсоси масъулият намоем ва мардумро аз вазъи обу ҳаво мунтазам огоҳ кунем. Дар ин самт қарори Президент аз 17 ноябри соли 2020 «Дар бораи чораҳои такомил бахшидан ба фаъолияти Маркази хадамоти гидрометереологии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» барои ислоҳи фаъолияти соҳаи мазкур ҳамчун асос хидмат менамояд.

**– Натиҷаҳо хурсандибахшанд, албатта?**

– Бале. Тавонистем дар муддати кӯтоҳ хидмати метеорологӣ, агрометеорологӣ, гидрологӣ ва мониторинги ифлосшавии ҳаворо такомул бахшем ва сифати онро баланд бардорем. Ба ибораи дигар, ходимони «Ӯзгидромет» вазифаҳоеро сарбаландона иҷро хоҳанд кард, ки ба таъмини мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои дигар, инчунин шаҳрвандон дар бораи шароитҳои мавҷуда ва пешбинишудаи гидрометеорологӣ, тағйирёбии иқлим, сатҳи ифлосшавии муҳити табиӣ, иттилооти фаврӣ оид ба рух додани ҳодисаҳои хатарнок ва табиии гидрометеорологӣ нигаронида шудаанд. Ҳамчунин 12 январи соли 2022 Қонун «Дар бораи фаъолиятҳои обуҳавошиносӣ» ба тасвиб расидаву мавриди иҷро қарор гирифтааст, ки барои ривоҷи хадамоти обу ҳавошиносӣ, таъмини шабакаҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ бо иттилооти зарурии ҳавошиносӣ мусоидат менамояд.

**– Мегӯянд, ки «Ӯзгидромет» бо созмонҳои марбутаи байналмилалӣ ҳамкориҳо ба роҳ мондааст. Ин мавзӯъро андак шарҳ медодед?**

– «Ӯзгидромет» барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун Маркази минтақавии телекоммуникатсияи Созмони ҷаҳонии метеорологӣ фаъолият мекунад ва ҷамъоварӣ, коркард ва паҳнкунии маълумоти гидрометеорологии Хадамоти ҷаҳонии обуҳавошиносии Созмони ҷаҳонии метеорологиро бар дӯши худ дорад. Яъне корҳои гидрометеорологии имрӯза мақоми байналмилалиро касб намудаанд ва дар асоси принсипи риояи стандартҳои миллӣ амалӣ мешаванд, ки дар он тавсияҳо ва қоидаҳои Созмони ҷаҳонии метеорологӣ ва Созмони байналмилалии авиатсияи шаҳрвандӣ комилан ҳамоҳанг карда мешаванд. Аз ҷумла, ҳамаи истгоҳҳои мушоҳидаи обуҳавосанҷӣ, воқеъ дар қаламрави ҷумҳурии мо, дар ҳар 3 соат обуҳаворо мунтазам мушоҳида мекунанд.

**– Иҷрои ин корҳо кадрҳои бомаҳорату лаёқатнокро тақозо менамояд. Дуруст аст?**

– Бале, тибқи қарори Президент бо мақсади ба роҳ мондани низоми омодасозии кадрҳо дар соҳаи гидрометеорология ва такмили ихтисоси онҳо дар Донишгоҳи миллӣ факултети гидрометеорология таъсис дода шудааст. Гузашта аз ин, ин донишгоҳ дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии гидрометеорологияи Русия барои амалӣ намудани барномаи таълимии «3+2» Ёддошти тафоҳуми сеҷониба имзо кардааст.

**– Пас, шабакаҳои минтақавии «Ӯзгидромет» низ бо кадрҳо таъмин карда мешаванд?**

– Бечуну чаро. Зеро дар минтақаҳои гуногуни кишвар хадамоти гидрометеорологии нав ташкил карда шудааст ва шумораи истгоҳҳову посгоҳҳои агрометеорологӣ ба 57 адад афзудаанд. Мушаххасан, гуфтан мумкин аст, ки шумораи истгоҳҳои обуҳавошиносӣ аз 70 ба 88, истгоҳҳои тармафароӣ аз 3 ба 7, истгоҳҳои обуҳавошиносӣ аз 134 ба 143, истгоҳҳои агрометеорологӣ аз 33 ба 40, шабакаи радиолокатсионӣ аз 3 ба 6, истгоҳҳои назорати ифлосшавии ҳаво аз 63 ба 66 ва лабораторияҳо аз 17 ба 22 зиёд шуданд. Ҳиссаи шабакаҳои автоматии назорат аз 14 фоиз ба 83 фоиз, аз ҷумла, истгоҳҳои метеорологӣ ба 112, истгоҳҳои тармафароӣ ба 7-то афзуд.

Дар натиҷаи такмили технологияҳои IT, телекоммуникатсия ва фаъолияти инноватсионӣ дар соҳа интиқоли маълумот аз истгоҳҳои автоматии обуҳавошиносӣ дар 10 дақиқа таъмин хоҳад шуд. Дар ҷойҳои аҳолинишин барои мониторинг кардани сифати ҳаво ва визуализатсияи маълумотҳои гидрометеорологӣ геопорталҳои monitor.meteo.uz ва data.meteo.uz роҳандозӣ шудааст.

Дар доираи лоиҳае, ки дар ҳамкорӣ бо Хазинаи байналмилалии «Замин» анҷом мепазирад, дар Қароқалпоқистон, соири вилоятҳо ва шаҳри Тошканд 16 истгоҳи автоматии назорати олудашавии ҳаво насб карда шудааст ва онҳо ифлосшавии ҳаворо ҳамеша таҳти назорат қарор медиҳанд. Соли гузашта дар 6 ноҳияи шаҳри Тошканд ва дар ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ 3 истгоҳи автоматӣ насб карда шуд. Маълумоте, ки аз ин истгоҳҳо гирифта мешавад, бо агентиҳои рейтингии хориҷӣ мубодила карда мешавад.

**– Баъзан дар байни мардум пешгӯиҳои «Имсол ҳаво гарм ё сард мешудааст»-ро мешунавем. «Ӯзгидромет» ба ин пешгӯиҳо чи вокуниш нишон хоҳад дод?**

– Ин гуна пешгӯиҳо ҳаргиз пояи воқеӣ надоранд, барои ҳамин онро ҷиддӣ қабул намекунем. Зеро тамоми корҳои анҷомдодаи «Ӯзгидромет» ҷанбаи илмӣ доранд ва ҳар гуна овозаҳо ба назари эътибор гирифта намешавад.

**– Баъзан ба телефонҳои мо паёмак меоянд. Дар он ҳаводиси гуногуни табиӣ пешгӯӣ мешавад ва аз аҳолӣ тақозо мегардад, ки ҳушёриро аз даст надиҳанд.**

– Ин паёмакҳо марбути идораи «Ӯзгидромет» нестанд. Ҳарчи аз мо гуфта мешавад, онро мардум метавонанд ҷиддан қабул кунанд.

Суҳбаторо
**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ТАЪМИНОТИ АҲОЛӢ БО ОБИ НӮШИДАНӢ БЕҲТАР МЕГАРДАД

***Дар доираи ташаббусҳое, ки Президенти мамлакат зимни сафари худ ба вилояти Сурхондарё 1-2 июни соли 2021 пешниҳод намуда буд, ҳоло корҳои сохтмонии шабакаи магистралии оби ошомиданӣ дар масофаи 382 километр, ки аз обанбори «Тӯпаланг» то шаҳри Тирмиз тӯл мекашад, идома дорад.***



Тавассути ин лоиҳаи бузурги инфрасохторӣ тахминан 2 миллион нафар аҳолӣ, ки дар ноҳияҳои Сариосиё, Деҳнав, Олтинсой, Шӯрчӣ, Қумқӯрғон, Ҷарқӯрғон, Тирмиз, Бандихон, Қизириқ, Ангор, Музработ ва Шеробод, инчунин шаҳри Тирмиз зиндагӣ мекунанд, бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин хоҳанд шуд.

Чанде пеш муовини Сарвазир Очилбой Раматов бо сафари корӣ ба вилояти Сурхондарё омад ва бо ҷараёни корҳое, ки дар доираи лоиҳа амалӣ мегарданд, шинос шуд. Дар доираи ташриф дар ноҳияҳои Тирмиз ва Бандихон бо иштироки пиронсолон, фаъолон ва намояндагони ҷамъият вохӯриҳо баргузор гардиданд.

Дар чорабинӣ ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов, раиси шӯрои ҶС «Ӯзбекгидроэнерго» Абдуғанӣ Сангинов, масъулони вазорату идораҳои дахлдор, иҷрокунандагони лоиҳа, муҳандисону сохтмончиён ва намояндагони васоити ахбори омма иштирок карданд.

Пас аз вохӯрӣ дар доираи марҳилаи дуюми лоиҳа сохтмони 28,6 километр қубурҳои дохилии металлӣ дар ноҳияи Тирмиз, 2,3 километр дар ноҳияи Бандихон ва шабакаи магистралии оби ошомиданӣ ба масофаи 9,4 километр оғоз ёфт.

**Сурайё НОРМАНӢ,**
**муҳаррири Ширкати симо ва садои вилояти Сурхондарё.**



*Дар вилояти сераҳолии Андиҷон истифодаи оқилонаи ҳар як ваҷаб замин талаби рӯз аст. Аз ин ҷост, ки дар вилоят дар бобати ба даст овардани даромади хуб аз ҳисоби кишти замини наздиҳавлӣ мактаби ба худ хоси таҷриба ташкил карда шудааст.*

*Сокини ноҳияи Шаҳрихон Дилмурод Аҳмедов яке аз чунин соҳибкорон мебошад. Вай дар 12 хол замин гармхонаи замонавӣ бунёд намуда, зиёда аз 100 намуди гул парвариш мекунад. Маҳсулоти ӯ на танҳо ба бозорҳои вилоятӣ, балки ба бозорҳои ҷумҳуриҳои ҳамсоя низ фиристода мешавад.*

*Дар айни ҳол соҳибкор дар самти зиёд кардани навъҳои гул ва таъсиси ҷойҳои корӣ кӯшиш дорад.*

***Дар сурат: Дилмурод АҲМЕДОВ** дар гармхона.*

***Суратгир: З.УМУРЗОҚОВ (ӮзА).***

*Рушди ҳунар:*

# АЗ САНЪАТИ АНЪАНАВӢ ТО ТИҶОРАТИ ИННОВАТСИОНӢ

***Дар толори Ассотсиатсияи «Ҳунарманд»-и Ӯзбекистон таҳти мавзӯи «Рушди ҳунар: аз санъати суннатӣ то тиҷорати инноватсионӣ» мизи мудаввар ва муаррифии маҷаллаи «Ҳунарманд» баргузор гардид.***

Чорабинӣ бо мақсади таъмини иҷрои Фармони Президент «Дар бораи Барномаи давлатии татбиқи Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» дар Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисодиёти сабз» ташкил карда шуд.

Дар чорабинӣ депутатҳои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, Вазорати адлия, Вазорати фарҳанг, Кумитаи сайёҳӣ, Палатаи савдо ва саноат, Агентии танзими техникии назди Девони Вазирон, ҶС «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари», «Ӯзбекистон темир йӯллари», Вазорати сармоягузорӣ, Агентии «Ӯзстандарт», олимони соҳа, санъатшинос ва дизайнерон ширкат варзиданд.

Байни Ассотсиатсияи «Ҳунарманд» ва ҶММ «Humo Documentary» меморандум ба имзо расид.

Тавре ки дар меморандум таъкид шудааст, ҷонибҳо ба нигаҳдорӣ ва тарғиби мероси фарҳангии Ӯзбекистон ва Осиёи Марказӣ, инчунин ҳунарҳои мардумӣ, эҷод ва тарғиби филмҳои ҳуҷҷатӣ, лоиҳаҳои мултимедиа ва архиви рақамӣ оид ба мероси ҳунарҳои мардумӣ, ташкили намоишгоҳҳои муштарак, фестивал ва чорабиниҳои фарҳангӣ дар рушду тавсеаи ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили гулдӯзӣ, сохтани бозичаҳои миллӣ, кулолгарӣ, кандакорӣ, қолинбофӣ, сохтани асбобҳои мусиқии миллӣ саҳм мегузоранд.

ҶММ «Humo Documentary» низ платформаеро пешниҳод намуд, ки ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифз ва паҳн намудани мероси фарҳангии Ӯзбекистон ва Осиёи Марказӣ нигаронида шудааст.

Инчунин муаррифии маҷаллаи «Ҳунарманд», ки дар назди Ассотсиатсияи «Ҳунарманд» нашр мешавад, баргузор гардид.

Шумораи аввалини «Ҳунарманд» ба анъанаҳои чандинасраи санъати амалӣ ва таҷрибаи ҳунарии ҳунармандони мо аз назари тоза менигарад. Мундариҷаи маҷалла мусоҳибаҳо бо ҳунармандони пешқадам, мақолаҳои таҳлилӣ оид ба тамоюлҳои рушди ҳунарҳои бадеӣ ва намоишгоҳҳои намоён, мавод бахшида ба анъанаҳои камомӯхта ва ё фаромӯшшуда, очеркҳои таърихиро дар бар мегирад.

Муаррифӣ таҳти унвони «Рушди ҳунарҳо: аз санъати суннатӣ то тиҷорати инноватсионӣ» ба мутобиқ кардани ҳунарҳо ба бозори муосир, эҷоди арзиши нав тавассути дизайну технология ва ташаккул додани манбаи устувори даромад тавассути ҷалби ҷавонону занон равона шудааст. Самтҳои асосӣ дар ин омезиши маҳсулоти анъанавӣ бо тарҳи замонавӣ, мавод ва технологияҳои экологӣ, ҳамкории ҳунармандон ва дизайнерҳо ва муаррифӣ оид ба стандартикунонии маҳаллӣ ва байналхалқӣ мебошанд.

Дар чорабинӣ ҳамчунин масъалаҳои тамғакунӣ ва маркетинг, сертификатсия таҳти тамғаи «Made in Uzbekistan» барои ворид шудан ба бозорҳои байналмилалӣ, иштирок дар ҳафтаҳои мӯд ва ярмаркаҳои тарроҳӣ бо ҳунармандон, механизмҳои ҳавасмандгардонӣ ва субсидия барои содироти маҳсулот, сайёҳӣ ва хидматрасонӣ баррасӣ шуданд.

**М. МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# БОҒИ ТИЛЛО – БАҲОЯШ АЪЛО

(Аввалаш дар саҳ.1).

## ДАР ГУЗАРИ ЗАРХЕЗ

Минтақаи Боғи тилло бо заминҳои ҳосилхез ва мардуми саховатпешаву меҳнатдӯст аз қадим маъруфу машҳур аст. Ривоят мекунанд, ки аз ин ҷо замоне Роҳи бузурги абрешим мегузашт, Соҳибқирон маҳз дар ҳамин макони соҳиби табиати зебову нотакрор, заминаш серҳосилу зархез боғ бунёд кардаву ба он Боғи тилло ном додааст.

Имрӯз Боғи тилло аз баракати истиқлолият ва дастгириҳои пайвастаи давлату ҳукумат боз ҳам ободу зебо гаштааст. Солҳои охир кӯчаҳояш мумфарш гардида, таъминот бо неруи барқу оби ошомиданӣ беҳтар шуд. Мутобиқи Барномаи рушди деҳот чанд иншооти иҷтимоӣ сохта, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Ҳоло мардуми гузар барои суръат бахшидани корҳои ободонию бунёдкорӣ талош мекунанд ва дар ин корҳои хайру нек ҷамоаи мактаби миёнаи рақами 43 пешоҳанг ҳаст.


















## ТАЪЛИМИ ИНТЕРАКТИВ – АСОСИ ПЕШРАВӢ

– Маълум аст, ки таълими интерактив – намуди махсуси дарс аст, ки ҳамаи хонандагони синф ба раванди дарк намудани мавод ҷалб мегарданд, – иброз дошт ҷонишини директори мактаб оид ба таълиму тарбият Манзура Ҷӯрабоева, – зеро он имкониятҳои зарурӣ ва хуби инкишоф додани маданияти умумии талабагонро дода, дар роҳи расидан ба низоми таълими босифату босалоҳият айни муддао аст.

Калимаи «интерактив» англисӣ буда, маънояш «интер» – дутарафа, «акт» бошад, амал кардан. Бинобар ҳамин интерактив маънои ҳамкорӣ карда тавонистан ва дар реҷаи муколама буданро дорад.

Фаъолияти якҷояи хонандагон дар раванди дарк кардани маводи таълимӣ онро мефаҳмонад, ки ҳар як талаба саҳми шахсии худро дар он мегузорад, ки дар ин сурат, ивазшавии таълим, ақида ва воситаҳои фаъолияти якдигар ба амал меояд.

Умуман, дар муқоиса бо таълими анъанавӣ дар таълими интерактив ҳамкории омӯзгорон ва хонандагон иваз мешавад. Вазифаи муаллим иборат аз муҳайё намудани шароит барои ташаббусу дастгирии шогирдон аст.

Фаромӯш набояд кард, ки истифодаи техникаи компютерӣ ва технологияи иттилоотӣ самаранокии раванди таълимро баланд мебардорад.

## МАКТАБЕ, КИ ДАР ОБОДИЯШ ПРЕЗИДЕНТ САҲМ ГУЗОШТААСТ

Асосгузори ин мактаб, Аълочии таълими халқ Мурод Маъдӣ мегӯяд, ки адиби тавонои рус Антон Чехов навиштааст, ки «нерӯи ҳар як халқ аз маърифатпарварони ӯст». Дар ҳақиқат, зиёиён машъалафрӯзи илму дониш, поягузорони тараққиёти ҷамъият ҳастанд.

– Замоне дар ин маҳал барқ набуд ва мо бо шамъчароғ китоб хонда, дарс тайёр мекардем. Баъд аз хатми факултаи кимиёи Донишгоҳи давлатии Самарқанд, фаъолияти педагогиро аввал дар омӯзишгоҳи касбию ҳунарии рақами 31 ва баъд дар мактаби 33-юми ноҳия идома додам. Он солҳо дар зодгоҳам мактаб набуд ва фарзандони мо ба деҳаҳои ҳамсоя рафта, сабақ мегирифтанд. Рӯзе ба назди собиқ раиси хоҷагии ҷамоатии «Наврӯз», шодравон Сироҷиддин Усмонов рафта, масъалаи бунёди мактабро ба миён гузоштам, – гуфт Мурод Маъдӣ. – «Талаби дуруст ва ман ҳам ба сохтани мактаб тайёр. Вале барои таҳияи ҳуҷҷатҳо, даву ғеҷи сохтмон, аз «боло» розигӣ гирифтан даркор, ки барои ин на вақт дораму на асаби қавӣ. Шумо ягон нафарро ҳамроҳ гирифта, аз пайи кор шавед, мо ба дастгирӣ тайёр» – гуфт Сироҷиддин.

Бо дастгирии раис ва кӯмаки муаллими фидокор Раҷаббой Шарифов (рӯҳаш шод бод!) ба бунёди бинои мактаб дар Боғи тилло камари ҳиммат бастем.

Дертар собиқ ҳокими вилоят, ҳоло сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев ба мактаб омада, барои бунёди синфҳои иловагӣ кӯмаки беғаразона доданд. Аммо боз норасоии синфхона ба чашм мерасид. Аз рӯйи ин масъала ба ташкилотҳои ҷумҳурӣ муроҷиат кардам. Ин дафъа депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис Абдулло Аслонов барои бунёди таълимгоҳи замонавӣ, хушҳаво ва хушсохт ёрӣ дод. Соли 2022 дар таърихи гузар бори савум тадбири бӯрёкӯбӣ доир шуд.

Мурод Маъдӣ зикр кард, ки ҳоло дар мактаб 641 нафар фарзандони маҳаллаҳои Қозиқӯрғон ва Талибарзуи Поён таълиму тарбия мегиранд ва доим аз он меболад, ки ҳамкасбону ҳамгузарҳо заҳматҳои ӯро дар ин ҷода эътироф ва қадр мекунанд.

## ПАНДУ ҲИКМАТ ДИҲАД КУМАК БА ТАЪЛИМУ ТАРБИЯТ

Вақте вориди бинои мактаб мешавед, диққатро панду ҳикмат ва суханони хирадмандонаи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Низомии Ганҷавӣ, Румӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ, Навоӣ, Бедил, Ҳилолӣ, Биноӣ, Лоҳутӣ ва дигар шоирони классику муосир, ки дар деворҳои толору долон бо ҳуруфи кириллӣ ва арабӣ сабт ёфтаанд, ба худ мекашад. Деворнигораи «Роҳи бузурги абрешим» низ ҷолиби диққат аст.

– Чанде пеш аз фанни забон ва адабиёти тоҷик зинаи ҷумҳурии олимпиадаи фаннӣ баргузор гардид, – гуфт омӯзгори тоифаи олӣ Саноат Аҳадова. – Дар он шогирдонам – донишомӯзи синфи ёздаҳ Иззатулло Неъматов ҷойи сеюм ва хонандаи синфи нуҳӯм Рисқия Аҳтамова ҷойи ифтихориро ба даст оварданд.

– Боз як навиди фараҳбахш, – ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд ҷонишини директор оид ба корҳои таълим Манзура Ҷӯрабоева, – таълимгоҳи мо аз рӯйи рейтинги дохил шудани хатмкунандагон ба мактабҳои олӣ дар ноҳия пешқадам мебошад. Соли гузашта 72,8 фоизи хатмкунандагон донишҷӯи донишгоҳу донишкадаҳои на танҳо Самарқанд, балки Тошканд, Душанбе, Русия ва дигар кишварҳои олам шуданд.

– Асрори чунин комёбиҳо дар чист? – ба муовини директор бо суол рӯ овардем.

– Омӯзгор муҳандиси рӯҳияти инсон аст. Дар масъалаи таълиму тарбият чизи асосӣ муаллим, тафаккури ӯст. Тарбиягирандагон пеш аз ҳама аз тарбиятгар меомӯзанд. Сад афсӯс, ки ҳоло на ҳамаи омӯзгорон ба ин номи муътабар муносиб ҳастанд. Муаллим бояд чун машъалафрӯз бояд аз рӯи ихтисоси худ дониши мукаммал дошта бошад, асрори фанҳои замонавӣ ва истифодаи технологияҳои муосирро донад ва ҳамеша барои фатҳи қуллаҳои баландтар талош намояд. Дар ҳамин ҳол метавонад комёб бошад, ба муроди дил бирасад ва шогирдони заковатмандро тарбия кунад.

Бино ба маълумоти масъулон мактаб ғайр аз ду бинои муҳташам, ки дорои 27 ҳуҷраи таълимӣ аст, толори маҷлис, варзиш, ошхона дорад. Дар ин маскани илму маърифат 412 нафар ба ӯзбекӣ ва 229 нафар ба тоҷикӣ машғули тадрис буда, ба онҳо 45 нафар омӯзгори ҳирфаӣ таълиму тарбия медиҳанд. Аз онҳо 9 нафар тоифаи олӣ, 10 нафар тоифаи якум ва 8 нафар тоифаи дуюмро соҳибанд. Сарвари таълимгоҳ, соҳиби медали «Шуҳрат» Муҳаррам Муродова, омӯзгорон Дилноза Саломова, Лола Маматқулова, Шаҳодат Қобилова, Баҳора Валиева, Заррина Ҳалимова, Нигора Самиева, Зебунисо Зокирова, Камила Толиббоева, Покиза Кароматуллоева, Чоршанбе Абдиев ва дигарон фидокорони соҳаи худ ҳастанд ва ба эҳтироми хонандагону волидайни онҳо сазовор шудаанд.

## КАСЕРО, КИ КОҲИЛ БУВАД, ГАНҶ НЕСТ...

Вақте аз синфхонаҳо дидан карда, азми бозгашт мекардем, боғбон Темур Эшонқулов ва мудири шуъбаи хоҷагии мактаб Илҳом Раҷабовро саргарми кор дидем – дарахтҳои себ, нок, зардолу, гелос ва дигари боғи мактабро, ки 2,5 гектар майдон дорад, шакл медоданд. Бо онҳо дар бораи дарахтон, маҳсулоти кишоварзие, ки аз замин ба даст меояд, суҳбат кардем. Гуфтанд, ки аз замин дар як сол ду-се намуди маҳсулоти кишоварзиро ба даст меоранд.

– Шумо дар тобистон биёед, мебинед, ки помидор, бодиринг, карам, лаблабу, боимҷон, қаламфури булғорӣ чӣ хел ҳосил додаанд, – гуфт Илҳом Раҷабов. – Мо онҳоро ҷамъ оварда, ба кӯдакистон, ки дар шафати мактаб қарор дорад ва ошхонаи мактаб медиҳем.

Вақте боғи мактабро аз назар мегузарондем, пай бурдам, ки аксарияти хонандагон ба кори кишоварзон бепарво буданд.

– Ба ин бачаҳо ҳам асрори боғбонӣ, баъд деҳқониро ёд диҳед, хеле савобро мегиред, – рӯ ба Темур Эшонқулов овардам. – Охир мардро эътибор дар ҳунару меҳнат аст.

– Солҳои мактабхонии мо бригадаи истеҳсолӣ вуҷуд дошт, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд Илҳом Раҷабов. – Мо он солҳо на танҳо дар замини мактаб, дар хоҷагии ҷамоатии «Наврӯз» ҳам ба деҳқонону боғбонон кумак мерасондем. Муаллимон ғайр аз таълиму тарбият, меҳнатдӯстӣ, асрори боғбонӣ, деҳқонӣ, чорводорӣ ва ҳатто кирмакпарвариро меомӯхтанд. Мо бо завқ меҳнат мекардем. Ҳозир талабагонро ба меҳнат ҷалб кардан мумкин набудааст. Ин аст, ки ҳозир аз 10 нафар хатмкунанда ҳатто як нафар ҷӯяк кашиданро намедонад. Хуб мешуд, ки дубора бригадаҳои истеҳсолӣ ташкил гардида, фарзандону наберагон ба меҳнат дил банданд, на ба телефон!

Воқеан, дар тинати фарзанд ташаккул додани эҳсоси меҳнатдӯстӣ амали накӯст, ки ба ин маънӣ Абулқосим Фирдавсӣ барҳақ фармудааст:

*Таносонию коҳилӣ дур кун,*
*Бикӯшу зи ранҷи танат сур кун.*
*Ки андар ҷаҳон суди беранҷ нест,*
*Касеро, ки коҳил бувад, ганҷ нест!*

## ВАЗЪИ ПОЙГОҲИ МОДДИВУ ТЕХНИКИИ МАКТАБ ЧӢ ХЕЛ?

Вақте аз масъулони мактаб дар бораи вазъи пойгоҳи моддиву техникии мактаб, таъминот бо технологияи муосир пурсидем, аён шуд, ки дар ин ҷода низ мушкилиҳо мавҷуданд.

Дар ҳақиқат, тӯли чанд соли охир бо мақсади беҳсозии пойгоҳи моддиву техникии мактабҳо чорабиниҳои шоёни таҳсин амалӣ гардида, аксар муассисаҳои таълими умумӣ бо компутерҳои замонавӣ, тахтаҳои электронӣ, воситаи овоздиҳӣ (динамик), видеопроектор, тунери телевизионӣ ва дигар таҷҳизоти зарурӣ таъмин гардиданд.

Омӯзгорони фаннӣ дар раванди дарсҳо аз тахтаҳои электронӣ, компутер ва дигар аёниятҳои замонавӣ босамар истифода намуда, ба хубӣ эҳсос кардаанд, ки ин васоит барои расидан ба мақсадҳои асосии таълим мусоидат мекунад ва имконияти васеъ фароҳам менамояд. Тахтаҳои электронӣ афзалиятҳои бисёр доранд. Омӯзгор тавассути он метавонад маводи навро амиқтар фаҳмонад, машғулиятҳоро шавқангез гузаронад, ҳавасмандии хонандагонро ба таълим афзунтар созад ва ғайра.

Сад афсӯс, ки дар ин мактаб вазъи таъминот бо чунин дастгоҳҳои замонавӣ дар сатҳи зарурӣ нест. Дар ягон синфхона, ҳатто дар утоқҳои забонҳои хориҷии мактаб бино ба фармоиши Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ аз 5-уми сентябри соли 2017 «Дар бораи тасдиқи меъёрҳои таҷҳизоти зарурӣ барои муассисаҳои таълими умумӣ» (дар ин утоқҳо бояд тахтаи электронӣ вуҷуд дошта бошад) тахтаи электронӣ нест. Ғайр аз ин, масъулони шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия дар аввал ваъда додаанд, ки ба мактаб 17 дона компутери наву замонавӣ медиҳанд. Аммо ду дона компутер додаанд, ки кас намедонад инро чӣ тавр шарҳ диҳад.

## ҲАМНИШИНЕ БЕҲ АЗ КИТОБ МАХОҲ

Манзили навбатии мо китобхона буд. Воқеан, китоб сарчашмаи илму маърифат, дар рушди тафаккури инсон нақши босазо дорад. Боиси хушнудист, ки бо дастгирӣ ва ғамхории сарвари давлат эътибор ба тарғиби мутолиаи китоб афзудааст. Гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии «Китобхони ҷавон» ва бо сабукрав сарфароз гардидани китобхонҳои ғолиб аз ҷумлаи чунин иқдомҳои накӯ аст.

Дар бойгонии китобхонаи мактаб қариб 5 ҳазор нусха адабиёти гуногун ба се забон – тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ маҳфузанд. Инчунин, бастаи 12 номгӯй рӯзномаи ҷумҳурӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ мавҷуд, ки омӯзгорон ва донишомӯзон аз онҳо фаровон истифода мебаранд.

– Мо мунтазам бо шоиру нависандагон вохӯриҳо ташкил мекунем, рӯнамоии асарҳои тозанашрро мегузаронем, бахшида ба солгарди шоиру нависандагони адабиёти классик ва муосири тоҷику ӯзбек чорабиниҳоро барпо мекунем, – гуфт мудири китобхона Зайнура Норкулова. – Масалан, чанде пеш таҷлили зодрӯзи Мир Алишер Навоӣ ва Заҳириддин Муҳаммад Бобурро дар сатҳи хуб гузарондем. Илова бар ин, борҳо бо иштироки адибу шоирон, аз ҷумла Нормурод Каримзода, Бахтиёри Ҷумъа, Маҳбуба Неъматзода, Асадулло Исмоилзода, Дилрабо Насимӣ, Баҳодури Раҳмон, Парисо ва дигарон вохӯриву маҳфилҳо гузарондем.

Хонандагон Далер Носеев, Висола Рустамова, Самеъҷон Файзуллоев, Моҳина Эргашева, Рухшона Аҳмадҷонова, Меҳрубон Пӯлодҷонова, Ҷасур Собиров, Шукрона Шӯҳратова, Роҳила Валиева, Фарзона Аҳмадова ва дигарон на танҳо иштирокдори фаъоли чунин чорабиниҳои фарҳангӣ, балки китобхонҳои доимии мо ҳастанд.

Бояд гуфт, ки солҳои пеш аз Тоҷикистон ба мактабҳо адабиёти гуногун меомад. Ҳоло муносибатҳои дӯстонаи ду кишвар таҳким ёфта, ба марҳилаи нави рушд баромад. Аммо, дар ин масъала, яъне дастрас кардани китобҳои бадеӣ ба мактабҳои ҳамагонӣ, ки таълим бо забони тоҷикӣ аст, то ҳол ягон кори сутудание иҷро нашудааст ва агар шуда, нафаҳмидаем. Ҳоло норасоии чунин китобҳои бадеии тоҷикӣ яке аз мушкилоти мактаб ба шумор меравад.

## ҲАМЕША ДАР ХИДМАТИ МАРДУМ

Ҳоло дар ҳар гӯшаву канори Қозиқӯрғон тахти роҳбарии раиси маҳалла Шуҳрат Усмонов ва масъулони дигар корҳои созандагиву бунёдкорӣ идома доранд. Ба мақсади боз ҳам ободу зеботар намудани деҳот, беҳсозии таъминоти аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, бунёду таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, рушди соҳаҳои маорифу тандурустӣ, баланд бардоштани некӯаҳволии мардум чорабиниҳои судманд амалӣ мегарданд.

– Дар маҳалла 865 оила ба қайд гирифта шудааст, ки зиёда аз 3 ҳазору 200 нафарро дар бар мегирад, – гуфт Шуҳрат Усмонов. – Панҷ сол боз чун раис фаъолият намуда бештару хубтар фаҳмидам, ки ин кори саҳлу осон нест. Дар ғаму шодии халқ шарик будан, дар ҳалли мушкилоти онҳо дар ҳадди имкон кумак расонидан, осоиштагии онҳоро таъмин кардан масъулияти бузург дорад. Хушбахтона, Камолиддин Ӯроқов, Тилло Ҳамдамов, Зулхумор Аҳмадҷонова, Сӯҳроб Болтаев, Маҳмудҷон Рашидов, Валерий Саломов, Усмон Турсунов, Абдураҳмон Ҳоҷиев, Ширин Бобоева ва дигар фаъолони маҳалла пару боли мо ҳастанд. Боиси эътироф аст, ки тайи чанд соли охир дар маҳалла ҷинояту қонуншиканӣ рух надод, ки дар ин кори нек хидмати нозири профилактика, лейтенанти калон Шоҳрухҷон Ҷабборов калон аст. Ӯ мунтазам дар мактабу гузарҳо сӯҳбатҳо ташкил карда, барои пойдор нигоҳ доштани ваҳдати миллӣ ва таъмини сулҳу амният талош мекунад, вазифаи хешро сарбаланду садоқатмандона иҷро менамояд.

Ҳангоми боздиди маҳалла аён шуд, ки имрӯзҳо аҳли гузар барои тозаву озода нигоҳ доштани кӯчаву манзилҳои истиқоматӣ, кабудизоркунии атрофу акноф бештар эътибор медиҳанд. Дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» ниҳолҳои дарахтони меваноку сояафканро мешинонанд. Инчунин, барои самаранок истифода бурдани заминҳои кишоварзӣ ва наздиҳавлӣ, ба даст овардани ҳосили фаровон кӯшишу ғайрат мекунанд. Бинобар ҳамин дар ҳама ҷо бо як овоз мегӯянд, ки «Боғи тилло – баҳояш аъло!».

***Матолиби саҳифаро хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд Зоҳир ҲАСАНЗОДА ба чоп омода кардааст.***

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-428.
Адади нашр 3690. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 04.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.